***ТДУ 947 (575.3)***
***ТКБ 63.3***

# *ТАШКИЛЁБӢ ВА ФАЪОЛИЯТИ АРТЕЛҲО ДАР СОҲАИ САНОАТИ ВАЗНИН ДАР ТОҶИКИСТОНИ ШИМОЛӢ (солҳои 1925-1941)*

***Исмоилов Умедҷон Шаробидинович,*** *докторанти (PhD)- и кафедраи таърихи Ватан ва археологияи МДТ "ДДХ ба номи акад. Б.Ғафуров (Тоҷикистон, Хуҷанд)*

# *СОЗДАНИЕ И ДЕЯТЕЛЬНОСТЬ АРТЕЛЕЙ В СФЕРЕ ТЯЖЁЛОГО ПРОМЫСЛА В СЕВЕРНОМ ТАДЖИКИСТАНЕ (1925-1941 гг.)*

***Исмоилов Умеджон Шаробидинович,*** *докторант PhD, кафедры истории Отечества и археологии ГОУ «ХГУ имени акад. Б. Гафурова» (Таджикистан, Худжанд)*

# *ESTABLISHMENT AND ACTIVITY OF ARTELS IN THE FIELD OF HEAVY INDUSTRY IN NORTHERN TAJIKISTAN (1925-1941)*

***Ismoilov Umedjon Sharobidinovich,*** *(PhD) doctoral student of the department of home history and archeology under the SEI "KhSU named after acad. B. Gafurov" (Tajikistan, Khujand),*
***E-mail:*** *ymedjon.2022@list.ru*

***Вожаҳои калидӣ:*** *саноат, кон, артел, Тоҷикистони шимолӣ, саноати кӯҳӣ, коркарди оҳан, ташкилотҳои саноатӣ*

*Мақола ба масъалаи ташкилёбӣ ва фаъолияти артелҳои саноати вазнин дар Тоҷикистони шимолӣ (солҳои 1925-1941) бахшида шудааст. Дар мақола муаллиф марҳила ба марҳила таъсисёбӣ ва фаъолияти артелҳои саноатиро дар соҳаи саноати вазнин дар минтақаи Тоҷикистони шимолӣ мавриди омӯзиш қарор додааст. Кӯшиш ба харҷ дода шудааст, ки даромад ва хароҷоти артелҳо, хусусиятҳои муҳими саноати вазнин аз ҷиҳати таърихӣ омӯхта шавад. Дар мақола бештар маводи бойгонӣ истифода шудааст, ки ин дараҷаи илмии онро баланд бардоштааст. Муаллиф кӯшиш ба харҷ додааст, ки фактҳои ҳуҷҷатӣ ва ахбориро бо низом ва сатҳи зарури илмӣ таҳлил намуда, аҳамияти илмии онҳоро нишон диҳад.*

***Ключевые слова:*** *промышленность, шахта, артель, Северный Таджикистан, горная промышленость, обработка железа, промышленные организации*

*Статья посвящена вопросам создания и деятельности артелей в сфере тяжёлого промысла в северном Таджикистане (1925-1941 гг.). Также рассматриваются экономические стороны проблемы данной темы с точки зрения истории. В статье использованы многочисленные архивные материалы, что свидетельствует о ее ценности с научной точки зрения. Необходимо подчеркнуть, что архивные материалы в исторической науке имеют большое значение.*

***Key-words:*** *industry, mine, artel, Northern Tajikistan, mining industry, iron processing, industrial organizations*

*The article under consideration dwells the problems beset with creation and operation of artels in the field of heavy industry in Northern Tajikistan (1925-1941). In his article the author canvasses the history of the creation and activities of the relevant field in Northern Tajikistan. As well as, the author makes an endeavor to explore the economic aspects of the issue in question under the historical angle. In his article the author resorts to numerous materials of archives that the former makes the article more scientific one. It is worth emphasizing that the archival materials in historical sciences are of great importance currently. The author has made an endeavor to turn the facts, document and informative materials into scientific material.*

Яке аз соҳаҳои муҳими инкишофи иқтисодии ҳар мамлакат ин пешрафти саноати вазнин ба ҳисоб меравад. Дар асри XX бо пешрафти илму техника талабот ба маҳсулоти саноати вазнин зиёд шуд.Ин раванд ба Тоҷикистон, махсусан ба Тоҷикистони шимолӣ таъсири мусбат расонд.

Дар минтақаи Тоҷикистони шимолӣ асосан саноати коркарди канданиҳои фоиданок ва истеҳсоли онҳо инкишоф ёфта буд. Дар минтақа кони намаки Ашт, кони ангишти Шӯроб, Иттиҳодияи истеҳсолии нефти "САНТО" амал мекарданд.

Дар хусуси пешрафти саноати вазнин дар Тоҷикистон дар солҳои 1925-1941 Бобоҷон Ғафуров чунин навишта буд: "Солҳои ҳокимияти Шӯравӣ дар Тоҷикистон саноати нафт бо номи "Нефтобод", кони ангишти "Шӯроб" ба кор даромаданду рӯзафзун нафту ангишт

медоданд. Корҳои зиёд оид ба кофта баровардани бойтарин маъдани кӯҳии ҷумҳурӣ сар шуд. Дар асоси чунин пешравиҳои бузурги саноатӣ кадрҳои миллии пролетарӣ ба суръати меафзуданд" [3,с.215].

Соли 1922 аз тарафи ҳукумат барои маоши коргарони кони ангишти Шӯроб 13850 рубл, барои таъмири мошинолот ва техникаи нав 1526 рубл ва барои ба даст овардани шароити хуби корӣ 2933 рубл ҷудо шуда буд [4].

Аз соли 1925 сар карда омӯзиши канданиҳои фоиданоки минтақа оғоз ёфт, ки он ба инкишофи саноати вазнин, бахусус саноати кӯҳи – истихроҷи нефту ангишт ва металҳои қимматбаҳо сабаб гардид[16, с.244].

Соли 1927 Иттиҳоди саноатии ҶШС Ӯзбекистон ба Иттиҳоди саноатии ноҳияи Хуҷанд дар ҳаҷми 242500 рубл маблағ ҷудо намуд. 40%-и он барои пешрафти саноат дар минтақа нигаронида шуда буд[5].

Соли 1926 артели коркарди ангишт бо номи "Қӯшбулоқ" ташкил ёфт. Дар моҳи октябри соли 1926 артел ба ду тақсим шуд. Акнун артелҳо таҳти рақамҳои 1 ва 2 шуморагузорӣ карда шуданд. Артели "Қӯшбулоқ" дар моҳи ноябри соли 1926 барои шаҳри Хуҷанд 19000 пуд (311т 23306 кг –И.У.) ангишт истеҳсол намуда буд. Даромади моҳонаи артел ба 4000 рубл баробар гардид. Дар артел қисмати зиёди корҳо дастӣ иҷро карда мешуданд[6].

Аз 16 июни соли 1927 ба такмили ихтисос ва баланд бардоштани малакаю маҳорати коргарони артелҳои гуногуни Тоҷикистони Шимолӣ ба дигар ҷумҳуриҳои бародарӣ фиристода шуданд. Аз артели "Қӯшбулоқ" низ се нафар барои такмили маҳорат фиристонида шуданд.

Моҳи сентябри соли 1928 дар шаҳри Хуҷанд артели "Оҳангарон" ба фаъолият оғоз намуд. Дар ҷаласаи дуюми "Иттиҳоди саноатии ноҳияи Хуҷанд" аз артели "Оҳангарон" С. Шарипов иштирок дошт. Артели "Ангишткнанон"-ро, ки моҳи феврали соли 1928 дар Конибодому Исфара ташкил ёфта буд, М.Ю. Енилев намояндагӣ мекард[7].

9 январи соли 1928 корманди ҳифзи меҳнати участкаи якуми округи Хуҷанд Кирилл Авдесов дар артели истеҳсолии "Ангишткнанон – Қӯшбулоқ №2 тафтиш гузаронд. Вай дар ҳузури намояндаи артел дар ҳисоботаш нуктаҳои зеринро қайд намуда буд:

1. Кон (шахта) 39 сажен[1], яъне 83. 226 метр чуқурӣ дорад.
2. Истихроҷи ангишт аз кон ба тариқи нақоравӣ бо кӯмаки ресмон ба роҳ монда шудааст.
3. Дар кон 2 роҳи даромад ба самти ҷануб мавҷуд аст, ки яктои он кор мекунад.
4. Аз рӯи ҳолати техникӣ кон хатарнок нест. Конро мустаҳкам намудан лозим аст[8].

Мувофиқи маълумоти бойгонӣ дар шахта (кон) ҳодисаҳои нохуш низ рӯй медоданд. Санаи 24 декабри соли 1927 дар кон таркиш ба амал омада буд, ки дар натиҷа Иван Рижков[2] ва Дмитрий Мишенко[3] ҷароҳатҳои ҷисмонӣ бардоштанд. Хушбахтона талафоти ҷонӣ ба қайд гирифта нашуда буд[9].

Дар заминаи кони намаки Ашт санаи 9 августи соли 1927 артели "Намаки Қамишкӯрғон" ташкил карда шуд. Низомномаи артел 15 августи соли 1927 қабул карда шуд. Ин артел таҳти № 25 аз қайди мақомоти давлатӣ гузашта буд. Низомномаи артел бошад санаи 15 феврали соли 1927 аз тарафи Иттиҳоди саноатии ҶШС Ӯзбекистон тасдиқи худро ёфта буд[10].

Дар солҳои 20 – уми асри гузашта оҳангарон низ фаъол буданд. Дар ин давра дар Тоҷикистони шимолӣ чор артели оҳангарӣ ташкил ёфт.

1. Артели "Оҳангарон" дар Конибодом
2. Иттиҳоди оҳангарони Ашт
3. Оҳангарони Исфара
4. Артели коркарди оҳан дар Хуҷанд

Санаи 14 июли соли 1928 эъломияи Иттиҳоди саноатии ноҳияи Конибодом қабул гардид. Мувофиқи ин санад дар назди ҳар як артел вазифаҳои муайян гузошта шуда буд. Ин Иттиҳод ҳафт артелро муттаҳид менамуд. Тибқи асноди бойгонӣ дар назди артели "Оҳангарон"-и Конибодом чунин вазифаҳо гузошта буданд:

1. Мувофиқи мушоҳидаҳо артел дар айни ҳол хуб кор карда истодааст. Ташаккули минбаъдаи артел беҳтар ба роҳ монда шавад.
2. Айни ҳол артел зиёда аз 30 нафар ҳунармандро муттаҳид менамояд. Зиёд кардани аъзои артел ҳар чӣ зудтар амалӣ карда шавад.
3. Аз Иттиҳоди саноатии округӣ хоҳиш карда мешавад, ки дарояндаи наздик дар артел тафтиш гузаронанд.

4. Ҳамчунин аз Иттиҳоди саноатӣ хоҳиш карда шавад, ки барои коркард маҳсулот дастрас намояд[11].

Ҳукумат баҳри самаранокии артелҳо онҳоро ҳамаҷониба дастгирӣ мекард. Мувофиқи маълумоти ҳуҷҷатҳои бойгонӣ моҳи декабри соли 1927 ба артели "Қўшбулоқ №2" 10 пуд борут, 200 метр ноқил, 50 капсулаҳо ва 10 фунт динамит аз ҷониби Иттиҳодияи истеҳсолии округӣ ёрӣ расонда шуда буд[12].

Артелҳо доир ба фаъолияти худ ҳисоботи солона манзур мекарданд. Аз ҷумла, артели "Қўшбулоқ" санаи 15 – уми майи соли 1928 оид ба фаъолияти худ ба Иттиҳоди саноатии округ ҳисобот дод. Ғайр аз ин китоби воридот ва содирот артел низ дар ҳаҷми 207 саҳифа ба бойгонӣ супорида шуда буд[13].

Назар ба иттилои маводи бойгонӣ дар ноҳияи Ашт "Иттиҳоди оҳангарони ноҳияи Ашт" амал мекард. Артели мазкур асбобҳои рўзгорро барои мардум истеҳсол менамуд. Махсусан деҳқонони ноҳия аз дастранҷи устоҳои оҳангар васеъ истифода бурда, ҳосили фаровон мегирифтанд. Дар маҳсулоти ин артел тамғаи "Ашт" зада мешуд, ки то ҳол устоҳои Ашт аз ин тамға истифода мекунанд. Артел барои деҳқонону косибон асбобҳои гуногун аз қабили каланд, бел, чок, теша, табар, дос, арра ва ғайраҳоро тайёр мекард.

Дар ин давра Тоҷикистони шимолӣ назар ба дигар минтақаҳои Тоҷикистон аз лиҳози иқтисодӣ ва рушди саноат пешрафта буд.

Дар ин марҳила дар шаҳри Хуҷанд, Конибодом, Исфара, Ашт ва дигар шаҳру ноҳияҳои минтақа устохона ва корхонаи зиёди саноатӣ кушода шуданд. Дар соҳаи саноати вазнин 4 истгоҳи барқӣ, артелҳои "Қизил-кия", "Сулукта", "Қўшбулоқ", кони намаки Ашт бо номи артели "Намаки Қамишқўрғон" ва ғайраҳо фаъолият мебурданд[1, с.41].

Ҳамчунин дар ин давра меҳнати занон дар артелҳо ва корхонаҳои саноатӣ назаррас буд. Агар дар соли 1926 ба кооператсияи саноатии Хуҷанд ҳамагӣ 50 нафар зан ҷалб шуда бошанд, соли 1927 шумораи занони аъзои кооператсия ба 447 нафар ва соли 1928 ба 1810 нафар расид. Соли 1928 дар аксар корхона ва артелҳои округи Хуҷанд занони маҳаллӣ кор мекарданд. Чунончӣ дар кони нафти "САНТО" 19 нафар, дар кони ангишти "Шўроб" 4 нафар, дар артели кони намаки Ашт "Намаки Қамишқўрғон" 159 нафар, дар истгоҳи роҳи оҳани Хуҷанд 3 нафар зан машғули меҳнат буданд[1, с.80].

Истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ дар округи Хуҷанд дар соли 1927 нисбат ба соли 1926 9% зиёд шуд, ки ба ин пеш аз ҳама ба баланд шудани маҳсулнокии коргарон боис гардид. Агар дар соли 1926 ба ҳисоби миёна ҳар як коргар дар як рўз 19,3 рубл маҳсулот истеҳсол менамуд, пас дар соли 1927 ин нишондиҳанда ба 22.7 рубл расид, яъне ин нишон диҳанда 18% зиёд шуд[16, с.245].

Дар соли 1927 "Иттиҳоди коргарони кўҳӣ" дар минтақа ташкил ёфт, ки ин иттиҳод 2232 нафар кўҳкан муттаҳид менамуд. Ин коргарон дар артелҳо ва конҳои коркарди ангишт, нафт ва намак кор мекарданд.

Масъалаи асосӣ дар соҳаи саноати вазнин ин нарасидани кадрҳои баландихтисос буд. Бо ҳамин мақсад соли 1926 дар Хуҷанд омўзишгоҳ ташкил карда шуд. Дар соли хониши 1926-1927 дар омўзишгоҳ 600 коргар тайёр карда шуда буд.

Соли 1929 дар миқёси ИҶШС сиёсати нави иқтисодӣ (СНИ) бекор карда шуда, ба ҷои он саноатикунонӣ ҷорӣ гардид, ки он яке аз самтҳои асосии сиёсати ҳизби коммунистӣ ба ҳисоб мерафт.

3-юми сентябри соли 1931 КМ ҲК (б) ҶШС Тоҷикистон қарорро оид ба ташкили комбинати тайёр кардани ноқилҳо дар Қаромазор қабул кард. Ин комбинат соли 1932 дар асоси мутахассисони маҳаллӣ ва артелҳои хунармандӣ ташкил ёфт[16, с.245].

23-юми майи соли 1932 ҷаласаи аъзои Иттиҳоди саноатӣ баргузор гардид, ки дар он 200 нафар иштирок доштанд. Аз артели "Оҳангарон" О. Шарипов дар ин маҷлис иштирок дошт. Дар маҷлис масъалаҳои зерин дида баромада шуда буд.

1. Ҳисоботи Қозихонов оид ба корҳои иҷрошуда дар иттиҳодия
2. Оид ба масъалаи баланд бардоштани истеҳсолот
3. Ёрӣ ба колхозҳо[14].

Дар солҳои 1926 – 1929 роҳи оҳани Тирмиз-Душанбе сохта шуд, ки дар ҳаёти иқтисодии Тоҷикистон нақши бениҳоят калон бозид. Ин роҳ Тоҷикистонро бо дигар давлатҳо пайваст. Кашонидани молҳои саноатӣ ва мусофиронро осон кард. Соли 1928 дар роҳҳои автомобилгарди ҷумҳурӣ 18 автомашинаи боркаш кор мекард. Дар дарёи Аму пароходи "Красний Таджикистан" ва ду киштии моторӣ ҳаракат мекарданд.

Дар охири соли 1928 ва оғози 1929 роҳҳои Душанбе – Қурғонтеппа – Кулоб ва Душанбе – Кулоб сохта, ба истифода дода шуда буд. Ин роҳ мубодилаи молҳои саноатиро зиёд намуд.

Ғайр аз сохтмони корхонаҳои нави саноатӣ ҳукумати маҳаллӣ ва ҶМШС Тоҷикистон ба кори барқарор намудани корхонаҳои вуҷуддошта ҳам машғул буданд. Истеҳсоли ангишт дар соли 1928 46% ва нафт 110% зиёд шуда, ба дараҷаи нишондиҳандаи соли 1913 баробар шуд.

Ташкили артелҳо ва сохтмони корхонаҳои саноатӣ дар соҳаи саноати вазнин дар солҳои 30-юм аз рӯи нақшаҳои панҷсолаи якум (1928-1932), дуюм (1933-1937) ва сеюм (1938 – 1942) амалӣ карда шуда буд.

Дар ин давра фабрикаи маъдантозакунии Консой, комбинати металлургияи кӯҳӣ дар кони Такалӣ, ки асосан ба истеҳсоли металлҳои ранга машғул буд, ба истифода дода шуда буданд.

Саноати кӯҳи дар давраи саноатикунонӣ инкишоф ёфт. Соҳаи асосии он саноати сӯзишворӣ ба ҳисоб мерафт. Истеҳсоли нафт аз 11 ҳазор тоннаи соли 1930 дар соли 1937 ба 28 ҳазор тонна расонида шуд. Истеҳсоли ангишт дар кони “Шӯроб” аз 13 ҳазор тонна ба 19 ҳазор тонна расид.

Дар солҳои сиюм дар ҷумҳурӣ 20 соҳаи нави саноат дорои 273 корхонаи калон ва зиёда аз 2000 артелҳои истеҳсолӣ буд. Барои сохтмони ин корхонаҳо ва ташкилотҳои саноатӣ зиёда аз 50 млн сӯм сарф шуда буд, ки 20,5% маблағгузории ҷумҳуриро барои инкишофи хоҷагии халқ ташкил медод. Инкишофи солонаи саноати Тоҷикистон дар солҳои 1929 – 1938 21% - ро ташкил дода буд. Дар ҳолате, ки ин нишондод дар ИҶШС ҳамагӣ 16,9% - ро ташкил медод.

Синфи коргари тоҷик аз ибтидои соли 1939 ба иҷро намудани нақшаи панҷсола шурӯъ кард. Кӯҳканони Шӯроб, нафтчиёни Исфара, бофандагони Хуҷанд, шаробистеҳсолкунандагони Конибодом ва коргарони заводҳои пахтатозакунӣ мунтазам ҳаҷми меъёри истеҳсолии худро 1,5 – 2 баробар иҷро мекарданд. “Идораи якчанд дастгоҳ” ва “Омӯхтани якчанд ихтисос” шаклҳои нави мусобиқа гардида буд. Пеш аз ин мусобиқаи меҳнатӣ аз рӯи ҳаҷми истеҳсоли мол ба роҳ монда шуда буд, ки он бо номи “ҳаракати стахановчӣ” маълум аст.

Дар солҳои саноатикунонӣ ҶШС Тоҷикистон дар роҳи сохтмони сотсиализм қадамҳои устувор гузошт. Дар ин марҳила дар шаҳрҳои Хуҷанд, Конибодом ва Исфара корхонаҳои саноатӣ бунёд карда шуданд[1, с.41].

Баъд аз ташкилёбии ҶШС Тоҷикистон соли 1929 ба омӯзиши қувваҳои истеҳсолкунандаи Тоҷикистон аҳамияти ҷиддӣ дода шуд. Соли 1932 барои омӯзиши Зарафшон ва водии Ҳисор экспедитсияи илмию таҳқиқотӣ ташкил карда шуд. Фаъолияти экспедитсияи мазкур 6 моҳ давом ёфта, дар маҷмӯъ тақрибан майдони 100000 км$^2$ таҳқиқ карда шуда буд. Пажӯҳишҳои геологӣ ва омӯзиши канданиҳои фоиданок яке аз самтҳои асосии экспедитсияро ташкил медод[15, с.20].

Дар водии Зарафшон кони баландсифати асбест ва фторит ёфт шуд. Дар ҳавзаи дарёи Зарафшон конҳои мис, сурб, нуқра, асбест, хоро, ангишт, намакҳои гуногун, ҷинсҳои абрақдор, молибден, кварси оптикӣ, ки моҳияти бузурги саноатӣ доштанд кашф шуданд[15, с.21].

Аз гуфтаҳои боло бармеояд, ки экспедитсияҳои тадқиқотӣ барои пешрафти саноати кӯҳӣ дар минтақа аҳамияти калонро соҳиб буданд.

Дар хусуси аз таҷрибаи ҳамдигар истифода намудан байни ҷумҳуриҳои иттифоқӣ равобити созгор ва ҳаматарафа муфид ба роҳ монда шуда буд. Ин аст, ки ҳукумати ҶШС Тоҷикистон пайваста аз кӯмаки ҷумҳуриҳои бародарӣ бархӯрдор мегардид. Дар саноати кӯҳӣ тақрибан 30% - и коргаронро онҳое ташкил медоданд, ки аз ҷумҳуриҳои бародарӣ барои кор ва такмили маҳорат омада буданд.

Ташкили артелҳои саноатӣ ҳамчун қисми таркибии сиёсати нави иқтисодӣ дар Конститусияи соли 1929 – и ҶМШС Тоҷикистон ва баъдтар дар Конститутсияҳои соли 1931 ва 1937-и ҶШС Тоҷикистон дарҷ гардидааст.

Дар қонунгузории ҶМШС Тоҷикистон дар ин хусус чунин меъёр муқаррар карда шуда буд: “Бо мақсади ба меҳнаткашон таъмин кардани озодии воқеии иттифоқҳо, Ҷумҳурии Мухтори Шӯравии Сотсиалистии Тоҷикистон ба коргарон ва деҳқонон барои муттаҳид ва ташкил шудани онҳо мусоидат менамояд” [17].

Ин меъёр баъди ташкилёбии ҶШС Тоҷикистон мувофиқи Конститутсияи соли 1931-и ҶШС Тоҷикистон тақвият ёфт. Акнун давлат бевосита барои ташкили артелҳои саноатӣ шароит фароҳам меовард[18].

Тамоми ташкилоти саноатӣ аз ҷониби КМ ҲК (б) ҶШС Тоҷикистон идора карда мешуд. “Меҳнат дар ҶШС Тоҷикистон мувофиқи принсипи “Касе, ки кор намекунад, ӯ намехӯрад” вазифа ва кор шарафи ҳар як шаҳрванди қобили меҳнат мебошад.

Дар ҶШС Тоҷикистон принсипи зерини сотсиализм ба амал ҷорӣ карда мешавад: “аз ҳар кас мувофиқи қобилияташ, ба ҳар кас мувофиқи меҳнаташ” [2].

Аз санадҳои меъёрии ҳуқуқии дар боло овардашуда ва иқтибосҳо аз онҳо шаҳодат медиҳанд, ки ташкили артелҳои саноатӣ дар мамлакат аз ҷиҳати ҳуқуқӣ қонунӣ гардонида шуда, мувофиқи принсипҳои шӯравӣ ба роҳ монда шуда буданд.

Барои таъмин хуби саноат бо қувваи корӣ соли 1940 дар Тоҷикистон Комитети давлатии захираҳои меҳнатӣ таъсис ёфт. Дар натиҷа истеҳсоли ангишт аз 18,7 ҳазор тонна ба 204 ҳазор тонна, нафт аз 26,6 ба 29,8 ҳазор тонна, истеҳсоли шоҳӣ аз 200 ба 254 тонна, пойафзоли чармин аз 139 ҳазор ба 455 ҳазор ҷуфт, истеҳсоли матои пахтагин аз 0,1 ба 0,2 млн метр, истеҳсоли равған аз 2,47 ҳазор тонна ба 3,54 ҳазор тонна ва истеҳсоли қувваи барқ аз 37.3 ба 62,1 млн квт расонида шуд. Шумораи коргарон ба 140 ҳазор нафар баробар гардид.

Солҳои 1938 – 1941 нақшаҳои давлатӣ оид ба саноатиикунонии Тоҷикистон ҳамчун қисми таркибии саноати ИҶШС тағйир ёфт. Акнун ба сохтани корхонаҳои аҳамияти мудофиавидошта бештар таваҷҷӯҳ зоҳир мекарданд.

Аз омӯзиши мавзӯи мазкур ба хулосае омадан мумкин аст, ки дар сохтори иқтисодии мамлакат саноати вазнин аҳамияти хосаро доро буда ташаккули он ба инкишофи соҳаҳои дигари хоҷагии халқ таъсири мусбат мерасонад. Бодарназардошти матолиби дар боло овардашуда Ҳукумати Шӯравӣ дар солҳои 20-ум ва 30-юми асри гузашта сиёсати нави иқтисодиро ҷорӣ намуд. Ин раванд пеш аз ҳама саноати вазнинро ташаккул дод.

Ҳамин тавр, дар охири солҳои 30 – юм артелҳои саноатии соҳаи саноати вазнин, ғайр аз иттиҳоди оҳангарон ва артелҳои оҳангарӣ ба завод ва коргоҳҳои бузурги саноатӣ табдил дода шуданд.

## *ТАВЗЕҲОТ:*

1. *Сажен – воҳиди русии қадимаи ченкунии масофа, ки ба 3 оршин ё тахминан ба 2, 134 метр баробар аст.*
2. *Иван Рижков – касбаш конкан (шахтиёр) соли таваллудаш 1895. Аз соли 1909 дар ин вазифа кор мекард. Соли 1925 ба ҳайати Иттифоқи кӯҳканон дохил шуд. Дар конҳои “Сулукта” ва “Қӯшбулоқ №2” кор кардааст. Дар вақти таркиш дар кони “Кошбулак” соли 1927 32 сола ва соҳиби се фарзанд буд.*
3. *Дмитрий Мишенко – кӯҳкан аз соли 1925 то соли 1930 дар артели “Қӯшбулоқ” кор кардааст. Аз соли 1930 ба кони ангишти Шӯроб ба кор даромадааст.*

## ПАЙНАВИШТ:


1. Абдуллоев, С.А. Илм ва фарҳанги Тоҷикистон дар нимаи аввали асри XX/С.А.Абдуллоев.- Хуҷанд – 1998. –344 с.
2. Архив «Геральдикума» www.heraldikum.ru источник архив В. Соколова. Конститутсияи Ҷумҳурии Шӯравии Состиалистии Тоҷикистон (аз 1 марти соли 1937). Боби 1., моддаи 12.
3. Б.Ғафуров., Н.Прохоров. Тоҷикон ва талошҳои таърихии онҳо барои озодии Ватан. (Очеркҳо аз таърихи тоҷикон ва Тоҷикистон)/Ғафуров Б.,Прохоров Н.– Душанбе, Адиб, 2012. – 256 с.
4. Бойгонии марказии Ӯзбекистон. Хазинаи №89. Рӯйхати №2. Парвандаи №104., в. 4. (Аз руи нишондоди С. Абдуллоев дар китоби Илм ва фарҳанги Тоҷикистон дар нимаи аввали асри XX.).
5. Бойгонии давлтии вилояти Суғд. Хазинаи №172. Рӯйхати №1. Парвандаи №2., в. 3.
6. БДВС. Суғд. Х. №172. Р. №1. П.№2., в. 5.
7. БДВС Суғд. Х. №172. Р. №1. П. №20., в. 16.
8. БДВС Суғд. Х. №172. Р. №1. П. №20.,в. 19.
9. БДВС Суғд. Х. №172. Р. №1. П. №20.,в. 21.
10. БДВС Суғд. Х. №172. Р. №1. П. №20.,в. 138.
11. БДВС Суғд. Х. №172. Р. №1. П. №19., в. 28-29.
12. БДВС Суғд. Х. №172. Р. №1. П. №22., в. 135.
13. БДВС Суғд. Х. №172. Р. №1. П. №22., в. 152.
14. БДВС Суғд. Х. №172. Р. №1. П. №39., в. 11.

15.Исмоилов, Ё.Ҳ. Фаъолияти илмӣ – таҳқиқотии АИ ИҶШС дар Тоҷикистон (солҳои 1924 – 1941) Афтореферат дис. барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих/Ё.Ҳ.Исмоилов.-Душанбе,2019. – 54 с.
16.История Ленинабада (Научно-популярный очерк) Душанбе: Ирфон, 1986. -608 стр.
17.Конститутсияи Ҷумҳурии Мухтори Шӯравии Состиалистии Тоҷикистон (аз 28 апрели соли 1929). Боби 1., моддаи 7.
18.Конститутсияи Ҷумҳурии Шӯравии Состиалистии Тоҷикистон (соли 1931).

**REFERENCES:**

1. Abdulloev, S.A. Science and Culture of Tajikistan Referring to the first Half of the XX-th Century. – Khujand, - 1998. - 344 p.
2. Archive of “Heraldikum” www.heraldikum.ru source of archive V.Sokolova. The Constitution of the Tajik SSR (March 1, 1937). - chapter 1, - article 12.
3. Bobojon Ghafurov, Nikolai Prokhorov. Tajiks and their Historical Aspirations for the Homeland Freedom(Essays on the history of Tajiks and Tajikistan).–Dushanbe: Man-of-Letters, 2012. - 256 p.
4. Central State Archives of the Republic of Uzbekistan. F.89. op.2. d.104. -sh.4. (According to S.Abdulloev`s Book Called as “Science and Culture of Tajikistan Referring to the first Half of the XX-th Century”).
5. State Archives of Sughd Viloyat (SASV). F-172, op. 1, d.1, -sh. l. 2.
6. State Archives of Sughd Viloyat (SASV). –F.172. –op.1. –d.2., -sh. 5.
7 State Archives of Sughd Viloyat (SASV). –F.172. –op.1. –d.20, -sh.16.
8. State Archives of Sughd Viloyat (SASV). –F.172. –op.1. –d.20, -sh.19.
9. State archive of Sughd region. –F.172. –op.1. –d.20., -d.21.
10. State Archives of Sughd Viloyat (SASV). –F.172. –op.1. –d.20, -sh.138.
11. State Archives of Sughd Viloyat (SASV). –F.172. –op.1. –d.19, -sh.28-29.
12. State Archives of Sughd Viloyat (SASV). –F.172. –op.1. –d.22, -sh.135.
13. State Archives of Sughd Viloyat (SASV). –F.172. –op.1. –d.22, -sh152.
14. State archive of the Sughd region. Treasure №172. List №3. Case №39., C. 11.
15. Ismoilov Yo.H, Scientifico-Research Activity of the USSR AS in Tajikistan (1924 - 1941): synopsis of candidate dissertation in history. – Dushanbe, - 2019. - 54 p.
16. The History of Leninabad (Scientific-popular essay). - Dushanbe: Cognition, 1986. - 608 p.
17. The Constitution of the Tajik Autonomous Soviet Socialist Republic (April 28, 1929). - chapter 1, - article 7.
18. The Constitution of the Tajik SSR (1931).